**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Қодирзода Тоҳир Қамар дар мавзуи «Проблемаҳои назариявии ташаккули шуури ҳуқуқии судяҳо дар партавиислоҳоти судӣ - ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат**.

Автореферати диссертатсияи Қодирзода Тоҳир Қамар оид ба «Проблемаҳои назариявии ташаккули шуури ҳуқуқии судяҳо дар партави ислоҳоти судӣ - ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», дар илми ҳуқуқшиносӣ мубрам буда, мазмуну муҳтавои диссертатсия ба ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мувофиқ ас.

Бинобар ба миён омадани дигаргунсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра дар ҷомеаи навини Тоҷикистон дар замони соҳибихтиёрӣ якчанд барномаҳои ислоҳотҳои судӣ-ҳуқуқӣ қабул гардида, амалӣ карда шудаанд, ки дар натиҷа барои ташаккул ва таҳкими ҳокимияти судӣ мусоидат намудаанд.

Бояд қайд намуд, ки проблемаи шуури ҳуқуқӣ ва татбиқи ҳуқуқ таваҷҷӯҳи на балки олимони ҳуқуқшинос балки дигаронро низ ба худ ҷалб карда, таҳқиқотҳо оид ба масъалаҳои назариявии проблемаҳои шуури ҳуқуқӣ ва татбиқи ҳуқуқ гузаронида шуда, оид ба шуури ҳуқуқии судяҳо ва ҳуқуқтатбиққунӣ дар баррасии парвандаҳои судӣ ба таври зарурӣ тарҳрезӣ нашудааст. Махсусан воқеан амалӣ гарддиани кафолатҳои қонунии мустаққилияти судяҳо, масъалаҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва иҷрои санадҳои судӣ чӣ дар қонунгузорӣ ва чӣ дар амалия таҷдиди назарро меалабад, ки ин таҳқиқотҳо ба баланд бардоштани шуури ҳуқуқии судяҳо беаъсир намемонад.

Муаллиф, ки зиёда аз си сол дар мансаби судяи судҳои поёнӣ ва судяи Суди Олӣ фаъолият кардааст, оид ба зарурати алоқамандии назарияи ҳуқуқӣ ва амалияи судиро қайд мекунад, ки ҳаёти ҳуқуқӣ аксар вақт ҳолатҳои мухталифро ба вуҷуд меорад, ки бидуни таҳлил ва фаҳмиши

назариявӣ, роҳи ҳалли ин масъалаҳо имконнопазир мебошад. Аз ин лиҳоз, муаллиф аз таҷрибаи касбии бисёрсолаи худ ба хулоса омадааст, ки оид ба таҳкими ҳокимияти судӣ ва баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, як зумра пешниҳодҳои назариявӣ-амалӣ коркард шавад. Дар ин замина, асоснок қайд мекунад, ки судяҳо бояд ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ, бо истифода аз арзишҳои миллӣ, одату анъанаҳои ҳуқуқӣ, мероси фарҳанги ҳуқуқии миллӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, иттилоотонии раванди ҳуқуқтатбиққунӣ, бозомӯзӣ, дарки падидаҳои ҳаёти ҳуқуқиро ба роҳбарӣ гирифта, фаъолияти касбии худро сифатан баланд бардоранд. Инчунин, гузаронидани ислоҳоти судӣ-ҳуқуқиро дар доираи дигаргунсозиҳои иҷтимоию иқтисодии ҷомеа мувофиқи мақсад медонад.

Бинобар ин, таҳқиқоти илмии масъалаҳои назариявии шуури ҳуқуқии касбии судяҳо дар алоқамандӣ бо таҷрибаи судӣ дар замони муосир зарурatро металабад ва интихоби мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур, маҳз бо ҳамин гуфтаҳо асос ёфтааст.

Дар таҳқиқот, муаллиф нуқтаи назари худро баён намуда, масъалаҳои баҳснокро ҷудо намуда, диққатро ба андешаҳои нав ҷалб карда, фаҳмиши худро дар бораи масъалаҳои ҳуқуқӣ, ки дар ин самт ба миён меоянд, пешниҳод намудааст.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ аз таҳлили масъалаҳое иборатанд, ки муаллиф аз нуқтаи назарияи илми ҳуқуқшиносӣ роҳҳои ташаккули шуури ҳуқуқии касбии судяҳои замони муосир ва тағйир додани тафаккури фаҳмиши ҳуқуқ аз ҷониби судяҳо ва тамоми шахсоне, ки бо ин ё он тарз дар татбиқи ҳуқуқ ва дар баамалбарории адолати судӣ саҳм доранд, тарҳрезӣ намуда, таклифҳои назариявӣ ва таклифҳои амалӣ пешниҳод кардааст.

Мебоист қайд кард, ки дарки назариявии проблемаҳои шуури ҳуқуқии судӣ дар сатҳи дастрасии бевоситаи онҳо дар таҷрибаи судӣ ва тавассути мисолҳое, ки худи амалияи судӣ ба миён овардааст, аҳаммияти таҳқиқоти рисолаи мазкурро собит месозад.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ яке аз масъалаҳои камомӯхташуда дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон ба шумор рафта, ба амалӣ намудани бандҳои 25-29, 39-42, 54-57-и Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми феврали соли 2018 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст.

Таҳлили ташаккул ва рушди шуури ҳуқуқии дар таҳқиқот гузаронидашуда имкон медиҳад, ки низоми тадбирҳои мушаххасе, ки ба баланд бардоштани самаранокии сиёсати давлат дар ин самт нигаронида

шудаанд, мақсадноктар муайян карда шаванд, зеро самаранокии низоми идоракунӣ дар давлат ва сатҳи фасод дар сохторҳои давлатӣ аз сатҳи шуури ҳуқуқии кормандон вобаста аст.

Хулоса ва тавсияҳои дар таҳқиқот зикргардида, ҳам барои ҳалли масъалаҳои умумии назариявии вобаста ба проблемаи маърифати ҳуқуқӣ ва ҳам барои таҳияи барномаҳои маҷмуии мақсаднок, ки ба баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва пурзӯр намудани самаранокии фаъолияти меъёрҳои ҳуқуқӣ нигаронида шудаанд, заминаи илмӣ фароҳам меоранд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва дастовардҳои илмии муаллиф вобаста ба мавзу дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявиӣ ва дигар нишастҳои илмӣ ба табъ расонида шудаанд ва доир ба моҳияти диссертатсия унвонҷу 8 монография, 2 китоби дарсӣ, 6 васоити таълимӣ, 73 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 30 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба табъ расонидааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, панҷ боб, 15 зербоб, хулоса, тавсияҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва рӯйхати интишороти илмии довталаб оид ба дарёфти дараҷаи илмии д.и.ҳ. иборат мебошад. Ҳаҷми диссертатсия 395 саҳифаро ташкил медиҳад.

Ҳамн тариқ бояд зикр кард, ки муаллиф дар доираи таҳқиқоти гузаронидашуда аз назари ҳуқуқ, фалсафа, идеологияи ҳуқуқӣ, психологияи ҳуқуқӣ, сиёсатшиносӣ ва ғайра ба хуби тавонистааст, ки аз ҷиҳати илмӣ мафҳум ва моҳияти проблемаҳои назариявии ташаккули шуури ҳуқуқии касбии судяҳоро ҳамаҷониба омӯхта, таҳлил намояд ва дар ҳалли масъалаҳои илмие, ки вобаста ба инкишофи илми ҳуқуқшиносӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, оид ба нақши ҳокимияти судӣ дар ҷомеа лозиманд, саҳмгузор бошад.

Таҳқиқоти ба ҳимоя пешниҳодшуда якумин таҳқиқоти маҷмуавӣ оид ба роҳҳои баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии судяҳо дар Тоҷикистон буда, нуктаҳо, андешаҳо, ақидаҳо ва мулоҳизаҳои илмии он, навгонии таҳқиқот ҳалли онҳо шуда метавонад ва тавсияҳои назариявӣ ва амалие, ки пешниҳод шудаанд, онҳо барои илми ҳуқуқшиносӣ дар самти баланд бардоштани шуури ҳуқуқии судяҳо мусоидат менамоянд.

Мебост қайд намуд, ки муаллиф дар банди якуми ба ҳимоя пешниҳодшуда барҳақ изҳори ақида менамояд, ки “шуур - яке аз мафҳумҳои пойдевории фалсафа, психология, ҷомеашиносӣ буда, ҷузъи муҳими низоми равонии инсонро тавсиф мекунад. Фаъолияти шуур ба шахс имконияти таъсис додани дониш дар бораи алоқамандӣ,

муносибатҳо, қонунияти олами объективӣ, гузоштани мақсад ва тартиб додани нақшаҳо, ба танзим даровардан ва назорат бурдан аз болои муносибатҳои эҳсосӣ, оқилона ва амалӣ мебошад.” (саҳ. 18-19). Аз ин лиҳоз, агар дар бандҳои дигари пешниҳод оид ба шуури ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқии касбӣ, шуури ҳуқуқии касбии судяҳо мафҳумҳои фалсафӣ ҷой дода мешуд ва асарҳои философҳо низ истифода мешуданд, барои аз ҷиҳати фалсафӣ пурмазмунтар гардидани таҳқиқот мусоидат менамуданд.

Аммо эроди зикршуда ба мазмуну муҳтавои автореферати диссертатсия ва дараҷаи дараҷаи арзиши илмии он таъсир намерасонад.

Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқот, алалхусус мазмуни мухтасари таҳлили кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

Автореферати диссертатсияи Қодирзода Тоҳир Қамар ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсяи Қодирзода Тоҳир Қамар ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии доктори илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои
Осиё ва Аврупои АМИТ, доктори илмҳои фалсафа Р.Ҷ. Ҳайдарзода

Имзои Р.Ҷ. Ҳайдарзодаро тасдиқ мекунам:
Нозири шуъбаи кадрҳои Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ А. Зуҳуров

« 14 » 06. соли 2025